Тоҷикистони Советӣ, 1982, 20 март

# НАВРӮЗ МЕОЯД - ҲУСНИ МАТЛАИ СОЛ

Халқи тоҷик ба замину табиат ихлосу муҳаббати махсус дорад, ки ба ин ҳазорон китоби дар давраҳои гуногуни таърих навишташуда равшан гувоҳӣ дода метавонанд.

Масалан, дар аввалин ёдгории хаттии ба мо расида китоби азими «Авесто», ки ду ҳазору панҷсад сол аз ин пеш аҷдодони халқи тоҷик офаридаанду ба тамоми мардуми эронзабон мансуб мебошад, бузургию муқаддасии обу замин, ҳайвоноту наботот -- умуман тамоми ҷузъиёти табиат гаштаю баргашта таъкид карда мешаванд. Аз ҷумла, дар «Авесто» гуфта шудааст, ки шахсе, замин шудгор карда, ғалла кишт мекунад, беҳтарин кори дуньёро иҷро менамояд. Ин ақида барои ягон халқи олам ва дар ягон давраи таърихи бегона набуда, балки барои ҳама ва ҳамеша аз муҳимтарин масъалаҳои инсонпарварона ба шумор меравад.

Бесабаб нест, ки яке аз фарзандони бузурги ҳақгӯи халқи тоҷик Носири Хисрав асоси хуррамии ҷаҳонро дар деҳқонӣ дида, худи деҳқонро рӯзидеҳи на танҳо инсоният, балки тамоми ҷуку ҷондори руи замин донистааст:

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст!*

Дар ин айёми хуррами наврӯзӣ ба ворисони адабиёти қадими тоҷик хотиррасон намудани як ривояти дигар бефоида нахоҳад буд. Дар «Матадғани Ёвишти Фриён» («Китоб дар бораи Ёвишт писари Фриён») ҳикояте мавҷуд аст, ки мувофиқи он ҷодугари золиму пурзур Ахт ба Эронзамин кулфатҳо меорад ва аҳд мекунад, ки агар ба саволҳояш ҷавоб наёбад, тамоми мамлакатро хоку туроб хоҳад кард.

Нуҳ ҳазор коҳин аз ҷавоби саволи якум «Кадом биҳишт беҳтар: заминӣ ё осмонӣ?” оҷиз монданд ва талаф шуданд. (Коҳинон ҷавоб дода буданд, ки «биҳишти осмонӣ беҳтар»). Танҳо Ёвишти ҷавон ба саволҳои ҷодугар ҷавобҳои пухта дода, вайро мулзам мекунад.

Саволи аз ҳама ҷолиби диққат ин аст: «Он чист, ки 10 пой дорад, 3 сар, 6 чашм, 6 гуш, 2 дум, 2 даст, 3 бинӣ, 4 шох, 3 китф ва дуньё бар дӯши вай аст?». Ҷавоби ин чистон аз худи савол ҳам диққат ҷалбкунандатар аст: *Он мардест, ки ҳамроҳи ду барзагов замин шудгор мекунад.*

Дар бораи аҳамияти ин ҷавоб, моҳияти ғоявии он дар ҷомеаи инсонӣ ягон чизи дигар илова кардан лозим нест, худ аз худ равшан аст: дунье ба души марди деҳқон аст!...

Аз давраҳои хеле қадим инсон ба чашми худ дид, ки ҳам барфу борон, ҳам нури тасфон аз осмон меояд; инсон донист, ки ин барфу борон ва нури тасфон гоҳе ба одам рузӣ мебахшад, аммо гоҳе рузиро мебарад. Пас, инсон дида ба осмон духт: тоифае «дид», ки он макони худовандест, ки гоҳе лутф мекунаду гоҳе қаҳр; аммо тоифаи дигар дар осмон ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ ва мавқеъ ва таносуби байниҳамдигарии онҳоро дид, ки «лутф»-у «қаҳр»-и табиат маҳз ба онҳо вобаста мебошад. Харчанде ҷаҳл кори худро мекард, аммо илм ҳам ривоҷ меёфт. Олимон дар тули садсолаҳо ба туфайли омузиши ҷирмҳои осмонӣ ва таҷрибаи зиндагӣ муайян намуданд, ки дар натиҷаи ҳаракату мавқеи ҷирмҳои осмони осмони шаб руз мешавад, чор фасли сол ҷои ҳамдигарро ишғол менамояд, ҳаво гарму сард ё мӯътадил мешавад... Ҳамчунин, олимон муқаррар карданд, ки дар мавқеи эътидоли ҷирмҳои осмонӣ ҳаво мӯътадил шуда, табиат бедор мегардад, шабу руз баробар мешавад, яъне айёми Наврӯз фаро мерасад.

Халқ Наврӯзро аз сидқи дил, мувофиқи тавоноиаш ҷашн мегирад: қосиди наврӯз - сияҳгушро ба чашм мемолад, чун савғотӣ онро ба азизонаш туҳфа мекунад, хона сафед месозад, сумалак мемонад, дастурхон меорояд... Ин ҳама барои он аст, ки Наврӯз оғози соли нав аст ва халқ мехоҳад, ки сол пурфайзу неъмат, фаровон бошад.

Дар давроне, ки ҳам тариқат, ҳам шариат сарвари бадқаҳр буд, ҷаҳл кори худро мекард: оинҳои табиии демократӣ, аз ҷумла маросими Наврӯзро зиддидинӣ ва зарарнок мешумурданд. Чандин шарҳу тафсири “олимона”-ро пайдо кардан мумкин аст, ки Наврӯзро расми оташпарастон дониста,ҷашни онро манъ кардаанд. Аммо халқ безавол асту идеали олии вай дастнорас…

Халқи сермиллати советӣ, ки нахустин дафъа дар таърих Наврӯзи идеалии инсоният - социализмро дар амал татбиқ кардааст, расму русум ва оинҳои миллии бисьёрасраи худро пос медорад, онро покизаву эҳтиёт мекунад, дурдонаҳои ноёб ба фардо, барои авлодҳои ояндаи худ мебарад.

Ҷашни зимистонии халқҳои славянӣ, троица, ярмаркаи тоторҳо, Наврӯзи мардуми Шарқ аз ҷумлаи ҳамин гуна дурдонаҳои маънавӣ мебошанд.

Ба кишвари бостониву ҳамешаҷавони мо боз Наврӯз омад. Талу теппаҳо сабзпуш, фазои дараҳо пур аз садои барраю бузғолаҳо, ҳаво муаттар аз гули бодому шафтолу, саҳро омодаи кишт, деҳқон камари ғайратро сахт бастагӣ …

*Омад баҳори хурраму овард хуррамӣ,*

*Хуррам бувад ҳамеша бод - ин фасл одамӣ!*

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ**



Тоҷ. Сов., 1982, 20 март



# НАВРӮЗ МЕОЯД, Н

# ҲУСНИ МАТЛАИ СОЛ

Халки точик ба замину табиат ихлосу мухаббати махсус дорад, ки ба ин ҳазорон китоби дар даврахои гуногуни таърих навишташуда равшан гувохӣ дода метавонанд. Масалан, дар аввалин ёдгории хаттии ба мо расида — китоби азими «Авесто», ки ду хазору панчсад сол аз ин пеш ачдодони халқи точик офаридаанду ба тамоми мардуми эронзабон мансуб мебошад, бузургию муқаддасии обу замин, хайвоноту наботот — умуман тамоми чузъиёти табиат гаштаю баргашта таъкид карда мешаванд. Аз чумла, дар «Авесто» гуфта шудааст, ки шахсе, ки замин шудгор карда, ғалла кишт мекунад, бехтарин кори дуньёро ичро менамояд. Ин акида барои ягон халқи олам ва дар ягон давраи таърихӣ бегона набуда, балки барои хама ва хамеша аз муҳимтарин масъалахои инсонпарварона ба шумор меравад.

Бесабаб нест, ки яке аз фарзандони бузурги ҳакгӯи халқи точик Носири Хисрав асоси хуррамии чаҳонро дар деҳқонӣ дида, худи деҳқонро рӯзидеҳи на танхо инсоният, балки тамоми чуку чондори рӯи замин донистааст:

*Чаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст!*

Дар ин айёми хуррами наврӯзӣ ба ворисони адабиёти кадими точик хотиррасон намудани як ривояти дигар бефоида нахохад буд. Дар «Матадғани Ёвишти Фриён» («Китоб дар бораи Ёвишт писари Фриён») хикояте мавчуд аст, ки мувофики он чодугари золиму пурзӯр Ахт ба Эронзамин кулфатхо меорад ва аҳд мекунад, ки агар ба саволхояш чавоб наёбад, тамоми мамлакатро хоку туроб хохад кард. Нӯҳ хазор кохин аз чавоби саволи якум — «Кадом бихишт бехтар: заминӣ ё осмонӣ?» — очиз монданд ва талаф шуданд. (Коҳинон чавоб дода буданд, ки «бихишти осмонӣ беҳтар»). Танхо Ёвишти чавон ба саволхои чодугар чавобхои пухта дода, вайро мулзам мекунад.

Саволи аз хама чолиби диккат ин аст: «Он чист, ки 10 пой дорад, 3 сар, 6 чашм, 6 гӯш , 2 дум, 2 даст, 3 бинӣ, 4 шох, 3 китф ва дуньё бар дӯши вай аст?». Чавоби ин чистон аз худи савол хам диккатчалбкунандатар аст: — *он мардест, ки ҳамроҳи ду барзагов замин шудгор мекунад.*

Дар бораи аҳамияти ин чавоб, моҳияти ғоявии он дар чомеаи инсонӣ ягон чизи дигар илова кардан лозим нест, худ аз худ равшан аст: дуньё ба дӯши марди деҳқон аст!...

Аз даврахои хеле кадим инсон ба чашми худ дид, ки ҳам барфу борон, хам нури тасфон аз осмон меояд; инсон донист, ки ин барфу борон ва нури тасфон гохе ба одам рӯзӣ мебахшад, аммо гохе рӯзиро мебарад. Пас, инсон дида ба осмон дӯхт: тоифае «дид», ки он макони худовандест, ки гохе лутф мекунаду гохе кахр; аммо тоифаи дигар дар осмон харакати чирмхои осмонӣ ва мавкеъу таносуби байнихамдигарии онҳоро дид, ки «лутф»-у «қахр»-и табиат махз ба онҳо вобаста мебошад. Харчанде чахл кори худро мекард, аммо илм хам ривоч меёфт. Олимон дар тӯли садсолахо ба туфайли омӯзиши чирмхои осмонӣ ва тачрибаи зиндагӣ муайян намуданд, ки дар натичаи харакату мавкеи чирмхои осмонӣ шаб рӯз мешавад, чор фасли сол чои хамдигарро ишғол менамояд, хаво гарму сард ё мӯътадил мешавад... Хамчунин, олимон мукаррар карданд, ки дар мавкеи эътидоли чирмхои осмонӣ хаво мӯътадил шуда, табиат бедор мегардад, шабу рӯз баробар мешавад, яъне айёми Наврӯз фаро мерасад.

Халқ Наврӯзро аз сидки дил, мувофиқи тавононаш чашн мегирад: косиди Наврӯз — сияҳгӯшро ба чашм мемолад, чун савғотӣ онро ба азизонаш тӯҳфа мекунад, хона сафед месозад, сумалак мемонад, дастурхон меорояд... Ин ҳама барои он аст, ки *Наврӯз — оғози соли нав аст* ва халқ мехоҳад, ки сол пурфайзу неъмат, фаровон бошад.

Дар давроне, ки хам тарикат, хам шариат сарвари бадқахр буд, чахл кори худро мекард: оинхои табиии демократӣ, аз чумла маросими Наврӯзро зиддидинӣ ва зарарнок мешумурданд. Чандин шарху тафсири «олимона»-ро пайдо кардан мумкин аст, ки Наврӯзро расми оташпарастон дониста, чашни онро манъ кардаанд. Аммо халқ безавол асту идеали олии вай дастнорас...

Халки сермиллати советӣ, ки нахустин дафъа дар таърих Наврӯзи идеалии инсоният — социализмро дар амал татбиқ кардааст, расму русум ва оинхои миллии бисьёрасраи худро пос медорад, онро покизаву эхтиёт мекунад, дурдонахои ноёб ба фардо, барои авлодхои ояндаи худ мебарад. Чашни зимистони халкхои славянӣ, троица, Ярмаркаи тоторхо, Наврӯзи мардуми Шарк аз чумлаи хамин гуна дурдонаҳои маънавӣ мебошанд.

Ба кишвари бостониву хамешачавони мо боз Наврӯз омад. Талу теппахо сабзпӯш, фазои дарахо пур аз садои барраю бузғолахо, хаво муаттар аз гули бодому шафтолу, сахро омодаи кишт, деҳқон камари ғайратро сахт бастагӣ...

*Омад баҳори хурраму овард хуррамӣ,*
*Хуррам бувад ҳамеша бод— ин фасл одамӣ!*

*Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ,*